## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Асомиддини Абдулмумин дар мавзуи «Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ)**

Истиқлолият беҳтарин неъмат ва гаронмоятарин арзиш барои ҳар давлату миллат буда, омили аслии рушду тараққӣ ва заминасози ҳузур дар арсаи ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад. Соҳибистиқлолӣ, дар ҳақиқат, дар таърихи навини тоҷикон низ неъмати бузург ба ҳисоб рафта, на танҳо барои рушд ва инкишофи сохти давлатдорӣ мусоидат намуд, балки барои пешрафти илм, маориф ва фарҳанг низ имкониятҳои зиёде фароҳам овард.

Дар илми таърихнигории муосири тоҷик ҳам дар солҳои соҳибистиқлолӣ тағйироти куллӣ ба вуҷуд омада, муаррихон имконият пайдо карданд, ки бештар бо назардошти арзишҳои миллӣ таърихи халк ва миллату давлати худро ба таври воқеӣ омӯзанд ва ба ҳодисаҳои таърихӣ баҳо диҳанд. Дар ин росто омӯзиши воқеоти сиёсии солҳои 90-уми асри XX, аз ҷумла таъсиёбии ҳизбу созмонҳои ҷамъиятӣ, воқеаҳои феврали соли 1990, ба даст омадани Истиқлоли давлатӣ, ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон, иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, марҳилаҳои гуфтушуниди байни тоҷикон ва имзои “Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон”, инчунин фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ яке аз масъалаҳои ҳалталаби таърихнигории муосири Тоҷикистон мебошад. Пажӯҳиши мавзуи мазкур пеш аз ҳама саҳифаҳои норавшани таърихро бароямон равшан менамояд. Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти диссертатсионии Асомиддини Абдулмумин дар мавзуи «Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000)» мубрам ва саривақтӣ буда, барои рушду нумуи минбаъдаи кишвар, таҳкими истиқлол ва ваҳдати миллии тоҷикон мусоидат хоҳад кард.

Дар иртибот ба ин автореферати диссертатсияи Асомиддини Абдулмумин низ дорои аҳаммияти вижа буда, ба таври фишурда кори диссертатсионии ӯро ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ инъикос менамояд. Дар автореферат мубрамияту муҳиммияти илмӣ-назариявӣ ва амалии мавзуи тадқиқот, мақсаду вазифаҳои он, дараҷаи омӯзиш, мавҷудияти

сарчашмаҳо, давраҳо, усулҳои истифодашуда ва натиҷаҳои асосии кори тадқиқшаванда баррасӣ гардидаанд.

Дар қисмати «Тавсифи умумии кор» муаллиф доир ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ, предмети таҳқиқот, доираи хронологӣ, асосҳои назариявӣ-методологии пажӯҳиш, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисосҳои илмӣ ва сохтору ҳаҷми диссертатсия маълумоти зарурӣ пешниҳод намудааст.

Дар қисми «Мундариҷаи асосии диссертатсия»-и автореферат бошад муаллиф ба таври мушаххас дар бораи бобҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла дар бораи боби якум - " Раванди мубориза ҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар Тоҷикистон (охири солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-уми асри хх)" бо ду зербоби он, боби дуюм - "Инъикоси ҷанги шаҳрвандӣ дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ" ва зербобҳои он, инчунин боби сеюм "Таҷассуми масоили истиқрори сулҳу ваҳдат ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ" ва се зербоби он маълумот додааст.

Дар хулоса натиҷаҳои умумии омӯзиш ҷамъбаст карда шуда, муаллиф барои рушди минбаъдаи таърихнигории миллӣ тавсияҳои судманд пешниҳод намудааст. Мукарраároти асосии дисертатсия дар як қатор интишороти муаллиф, аз ҷумла: 6 мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 маколаи дар дигар нашрияҳо ба табърасида, таҷассум ёфтаанд.

Асомиддини Абдулмумин дар натиҷаи истифодаи васеъ, таҳлили муқоисавию интиқодии маводи бойгонӣ ва адабиёти илмӣ тадқиқоти арзишманди илмӣ анҷом додааст.

Мавриди зикр аст, ки рисола бо лаҳни зебо ва забони ноби тоҷикӣ фасеҳу равон таълиф гардидааст.

Ҳамин тавр, кори анҷомдодаи унвонҷӯ дар такя ба сарчашмаю адабиёти илмӣ мустақилона иҷро гардида, муҳаққиқ тавонистааст, ки маводи нав ва арзишмандро пешниҳоди аҳли илм намояд. Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли бисёр масъалаҳои ҳалталаби Тоҷикистон хеле муфиданд. Мазмуни диссертатсия дар мақолаю корҳои чопшудаи илмии муаллиф инъикос ёфтаанд.

Бо дарназардошти ин, метавон гуфт, ки автореферати диссертатсияи Асомиддини Абдулмумин дар мавзуи «Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000)» барои дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5-Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) арзанда мебошад.

Номзади илмҳои таърих,
Сардори шуъбаи илм, корҳои эҷодӣ ва инноватсияи МДТОК
“Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон” Сайфуллоева Ш.И.

Имзои муқарризро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси МДТОК. ДДСТДТ Сайдализода О.И.

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

18.05.2026